Навиди донишгоҳ 1.2020:Layout 1 30.12.2020 10:09 Page 1

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад.

НАВИДИ ДОНИШГОҲ

Моҳномаи филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, январи соли 2021, №1 (81)

Оғози нашр: 01.03.2014

Соли нави 2021 муборак бошад!

НИЯТИ НЕК – РОҲ СӮЙИ МУРОД

Паёми шодбоши роҳбар

Инак, ба диёри ҳамешабаҳори мо соли нави мелодӣ қадам мегузорад. Онро аз таҳти дил хайрамақдам гуфта орзу мекунем, ки он соли бобарор, соли фатҳу нусратҳои нав ба нав гардад. Ниятҳои неку нақиби халқу давлатамон бобати бо туҳфаҳои арзанда, рӯйи сурху сари баланд истиқбол гирифтани ҷашни мубораки 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷомаи амал пӯшанд.

Воқеан, гузашта таҳқурсии боэътимоди оянда аст. Айни ҳол бо чашми ҳақиқату адолат ба дастовардҳои соли 2020 назар партофтан аз аҳаммият холӣ нест. Мардуми меҳнатдӯсти Тоҷикистони азиз бо вуҷуди душвориҳои зиёд, хосатан доман паҳн кардани пандемияи “КОВИД – 19” ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд. Бо кӯшиш ва роҳнамоии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саросари кишварамон ободкорӣ суръати тоза гирифт. Даҳҳо корхонаҳои нав, иншоотҳои маданию маишӣ, муассисаҳои таълимӣ, боғу гулгаштҳо, роҳҳои нави ба талаботи замон мувофиқ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Муҳимтар аз ҳама, дар ин сол интихоботи вакилон ба мачлисҳои маҳаллӣ ва парламенти Тоҷикистон ва Президенти кишвар дар сатҳи баланд доир гашт. Тоҷикон якдилона ба ҷонибдории намояндагони Ҳизби халқии демократии Тоҷиктстон ва фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон овоз дода, бо худи ҳамин собит намуданд, ки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат ва Сарвари хирадманди онро аз дилу ҷон дастгирӣ мекунанд.

Кормандони мо низ дар соли 2020 ба як қатор натиҷаҳои назаррас соҳиб гаштанд. Баробари болоравии сатҳу сифати таълиму тарбия ҳамчунин ҳимоя гардидани ду рисолаи номзадӣ аз ҷониби устодони мо, роҳандозии лоиҳаҳои гуногуни инвеститсионӣ, баргузории чорабиниҳои гуногуни судманди илмиву дастурӣ ва маърифатӣ, ифтитоҳи озмоишгоҳҳои нави ихтисосӣ, пирӯзӣ дар олимпиадаҳои донишҷӯйӣ ва монанди инҳо гувоҳи онанд, ки устодону донишҷӯёни мо ба рушду нумӯи илми кишвар, амалигашти ислоҳоти зинаи таҳсилоти олии касбӣ, тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат эътибори ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Ҷаҳду талош баҳри афзун сохтани натиҷаҳо, иҷрои мушаххаси вазифаҳои бамиёнгузошта авҷ мегирад. Эътибор ба навъҳои гуногуни тарбия, аз ҷумла баланд бардоштани ҳисси худогоҳию хештаншиносӣ, эҳтиром ба миллату Ватан, меҳнатдӯстиву масъулиятнокӣ бештар мегардад.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди ҳамаи ин имкониятҳои истифоданашуда дар мо ҳоло ҳам кам нестанд. Зарур аст, ки дар соли нав барои истифодаи ҳамаи имконияту бартараф кардани камбудиҳо пай дар пай тадбирҳои заруриву судманд андешем ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишварамонро бо дастовезҳои арзанда истиқбол гирем.

Ҳамаи шумо – устодону кормандон ва донишҷӯёни азизро бо ташрифи соли нав шодбош мегӯям.

Бигузор дар ин сол ҳамаи орзуҳои неку нақибатон амалӣ гарданд.

Дар Тоҷикистони азиз оромию осудагӣ доимо ҳукмфармо бошад. Соли нав ба ҳар хонадон, ба ҳар фарде, ки обрӯю нуфузи диёр барояш азиз аст, шодию нишот оварад.

Музаффар ХОЛИҚОВ, директор.

Барандагони стипендияи раиси вилоят

Рӯйдодҳо

Дар толори қабули расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 3-юми декабри соли 2020 маросими супоридани стипендияи раиси вилояти Суғд ба донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ баргузор гардид.

Раиси вилояти Суғд Рачаббой Аҳмадзода зимни тақдими стипендияҳо ба донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ иброз дошт, ки ҷавонони кишвар, аз ҷумла ҷавонони вилояти Суғд дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, рушди босуботи ҷомеа ва пешбурду татбиқи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят нақши муҳим доранд.

Боиси ифтихор аст, ки чор нафар донишҷӯйи филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара барандаи стипендияи раиси вилояти Суғд Усулиддин Орифҷонзода, Аслиддин Неъматуллоев, Зумрадхон Иномова, Нилуфар Турдиева дар ин чорабинӣ иштирок намуданд.

Таҳмина НАБИЕВА, мудири шуъбаи тарбия ва тарғибот.

Озмуни навоварон ва ихтироъкорони ҷавон

21-уми декабри соли равон дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040” озмуни навоварон ва ихтироъкорони ҷавон баргузор ва ҷамъбаст гардид. Дар озмун, ки аз рӯйи се равия: равияи технологияҳои дӯзандагӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, технологияи химиёвӣ, мошинсозӣ ва саноати сабук ташкил шуд, 27 нафар донишҷӯ иштирок дошт.

Комиссияи босалоҳият ғолибонро муайян ва бо диплому сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонид:

1. Муминова Одина - донишҷӯйи соли 3, гурӯҳи технологияҳои дӯзандагӣ сазовори ҷойи якум;
2. Эгамова Меҳрона – донишҷӯйи соли 2, гурӯҳи технология ва низоми иттилоотӣ сазовори ҷойи дуюм;
3. Ҷабборова Меҳрубон – донишҷӯйи соли 1, гурӯҳи иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ сазовори ҷойи сеюм.

Инчунин омӯзгорон З.Нарзуллоева, М.Муллоева, ва И.Нуъмонов И. барои омода намудани донишҷӯён ба озмуни навоварон ва ихтироъкорони ҷавон бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Баррасии рисолаи номзадӣ

Дар ҷаласаи навбатии шӯрои илмӣ, ки 24-уми декабр баргузор гардид, рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои физика-математика Гулбаҳорхон Атласова дар мавзӯи “Формирование геометрических преставлений у младших школьников средствами инновационных технологий обучения”, ки ба наздикӣ дар шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ ҳимоя карда мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Оид ба рисолаи номзадӣ н.и.ф.м., дотсент Бобоев С.Б. қайд кард, ки кори илмии унвонҷӯй ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ба шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария, методика таълим ва тарбия (математика фанҳои педагогика) барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Насибахон ШАРОПОВА.

Ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ

Барои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ ва рақобатпазир», иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ФДТТИ 9-уми декабри соли 2020 бо мақсади бо ҷойи кор таъминкунии донишҷӯён бо ҳамкории раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Исфара ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ гузаронида шуд. Дар ярмарка 97 нафар хатмкунандаи ФДТТИ иштирок кард, ки аз ин 45 нафар ройгон таҳсил мекунад.

Дар ярмарка 14 корхонаи саноатӣ ва бонки тиҷоратӣ иштирок карданд.

Дар ярмарка ҷонишини декан оид ба таълим С.Ғаффоров, сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ М.Мирзомансурова, мутахассис оид ба қарз аз ташкилоти қарзии амонатии «Имон-интернешел» А.Нусратов, директори ҶДММ «Исфара-фарфор» И.Музаффаров баромад карданд.

Таҳмина ЮСУФӢ, мудири шуъбаи рушди касбият.

Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот

Конференсияи илмӣ

27-уми ноябри соли 2020 дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бахшида ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар таҳти ҳамин унвон конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ ва илмӣ, судманду хотирмон баргузор гардид.

Дар конференсия мудири шуъбаи саноати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр Б.Қосимов, директори ҶСШК “Тамохуш”, н.и.х., Расулзода Д.Ҷ., роҳбари Камолот-1, н.и.и. Ф.Тилалова, н.и.т., дотсенти кафедраи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ Сайфуллоев Т.Х., мудири кафедраи фанҳои гуманитарии коллеҷи тиббии ш.Конибодом, н.и.и. Ҳомидов М.Т., н.и.т., дотсенти кафедраи Донишгоҳи кӯҳӣ-металалургии шаҳри Хуҷанд М.Каримов, директори коллеҷи тиббии ш.Исфара Қ.Шодибоев, роҳбарони корхонаҳои саноатии шаҳр ва соҳибкорон ҳузур доштанд.

Ҷаласаи умумӣ бо сухани ифтитоҳии директори ФДТТИ, н.и.и. Холиқов М.Ғ. ва таманнои неки н.и.и. Фарзона Тилалова оғоз ёфт. Сипас, маърӯзаҳои илмии «Роль и значение наукоемких инноваций в развитии производства» н.и.х. Расулзода Д.Ҷ.; «Робитаи илм техника ва технология» н.и.т. М.Каримов; «Тадқиқи хосиятҳои физикию химиёвӣ, методҳои бойгардонӣ ва коркарди технологияи истеҳсоли фосфоритҳои маҳаллии кони Исфара» муовини директор оид ба таълим ва илми филилал, н.и.к., З.Солиев; «Такмили технологияи гирифтани ниҳоли кӯчоттшаванда дар зарфҳо» н.и.т. Сайфуллоев Т.Х.; «Низоми тестии арзёбӣ ва баъзе муаммоҳои он» н.и.и. Ҳомидов М.Т.; «Сатҳи таваррум ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ» н.и.и. Т.Ваҳҳобов; «Тарзи нави ҷудо намудани мағзи донаки зардолу» саромӯзгор Ғаффоров С.Ҳ. баромад намуданд.

Пас аз нисфирӯзӣ кори конференсия дар чор бахш: “Татбиқи дастовардҳои илм дар саноати хӯрокворӣ”; “Заминаҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва таъсири онҳо ба бозори меҳнати Ватанӣ”; “Татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди истеҳсолот ва идоракунии хоҷагии халқ”; “Татбиқи дастовардҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон” идома ёфт.

Ба конференсия 72 мақола аз Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ сайёҳӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, коллеҷи тиббии ш.Конибодом пешниҳод гардид.

Насибахон ШАРОПОВА,
мудири шуъбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва нашрияҳои даврӣ.

Навиди донишгоҳ 1.2020:Layout 1 30.12.2020 10:09 Page 2

Маҳфили поси хотир

Ба ифтихори 85-солагӣ

26-уми декабри соли 2020 дар таълимгоҳамон бахшида ба 85-солагии яке аз чеҳраҳои шинохта ва фидоии илму маърифати Исфара, собиқ директори техникуми саноати хӯрокворӣ, Мактаби олии техникии таҷрибавӣ, коллеҷи технологӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Зулфиқор Абдусатторов маҳфили поси хотир судманду хотирмон ва ҷолиб доир гардид. Дар маҳфил ҳамкорону шогирдон, пайвандони устоди шодравон ва омӯзгорону донишҷӯёни таълимгоҳ ҳузур доштанд.

Маҳфилро директори филиал, н.и.и. Холиқов М.Ғ. ифтитоҳ намуда, аз ҷумла афзуд, ки Низомномаи поси хотири шахсон барои комёбиҳои назаррас ва хизмати шоён дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара ба тасвиб расидааст, ки он шакл, шарт ва тартиби поси хотири шахсонеро, ки дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, хизмати шоён кардаанд, муайян мекунад.

Дар низомнома чунин шаклҳои поси хотири устодони шодравони филиал барои комёбиҳои назаррас ва хизмати шоён муқаррар гардидаанд:

- гузоштани лавҳаи ёдгорӣ;
- таъсиси стипендияҳои номии шахсони арзанда;
- ҷой кардани портрети шахсони арзанда дар гӯша (галерея)-и “Олимони таълимгоҳи мо”;
- интишори маҷмӯаҳои тарҷумаиҳолӣ дар силсилаи библиографӣ таҳти унвони “Олимони мо” ва маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳо, ки бахшида ба ҷашни солгарди шахсони арзанда баргузор гардидаанд;
- интишори маҷмӯа дар силсилаи библиографӣ таҳти унвони “Аз хазинаи тиллоии ФДТТИ”;
- номгузории синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, китобхонаҳо ва гӯша дар китобхона ба номи шахсони арзанда;
- баргузории конференсияҳо ва маҳфилҳои поси хотир бахшида ба ҷашни солгарди шахсони арзанда.

Маҳфили имрӯзаи поси хотир низ ба ифтихори 85-солагии устоди шодравон ҳоҷӣ Зулфиқор Абусатторов доир мегардад.

То имрӯз бо дарназардошти хизматҳои шоён ва саҳми назарраси устод Зулфиқор Абусатторов дар бунёду рушди таълимгоҳамон лавҳаи ёдгорӣ гузошта, конференсияи илмӣ гузаронида шуд. Маҷмӯае аз рӯзгор ва фаъолияти пурсамари меҳнатии устод бо номи “Инсони нексиришт” бо қалами дотсент Муҳаммадхӯҷа Яҳёев ба чоп расид. Маҳфилҳои ёдбуд доир гардиданд.

Зулфиқор Абдусатторов яке аз чеҳраҳои шинохта ва фидоии илму маърифати Исфара мебошанд ва мавҷудияти мактаби олӣ дар шаҳрамон аз хизматҳои арзандаву содиқонаи он кас маҳсуб мешавад.

Тӯли 23 соли роҳбарӣ ба техникуми саноати хӯрокворӣ, Мактаби олии техникии таҷрибавӣ ва коллеҷи технологӣ муаллим тавонистанд, як қисмати маркази шаҳрро ба минтақаи ободи маърифатӣ табдил дода, биноҳои замонавии муҷаҳҳази таълимӣ, хобгоҳ, устохонаву озмоишгоҳҳо бунёд ва олимон - номзадҳову докторҳои илмро ҷалб намоянд ва дар тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ саҳм гузоранд.

Ду навбат депутати Шӯрои шаҳрӣ (солҳои 1987, 1995) ва Шӯрои Олии ҶТ даъвати дувоздаҳум интихоб шудааанд ва иштирокчии Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олӣ мебошанд. Хизматҳояшон бо медалу ифтихорномаҳо қадр гардидааанд.

Аз ин фарди дарёдил номи наку, фарзандони сазовор, гулбоғу бӯстонҳо, ободию мактаби олӣ нишона монд.

Месазад, ки мо сарнавишти созандаю бунёдкоронаи устод Зулфиқор Абдусатторовро сармашқи фаъолияти хеш қарор диҳем ва барои гул-гул шукуфтани Тоҷикистони соҳибистиқлол камари ҳиммат бандем ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии кишварамонро бо дастовезҳои арзанда пешвоз гирем.

Дар раванди маҳфил ҳамчунин аз ҳамкорон ҳоҷӣ Атохон Аҳмадзода, ки солҳои тӯлонӣ вазифаи ҷонишиниро ба уҳда доштанд; ҳоҷӣ Абдуғаффор Шукуров, ки дар бунёди иншоотҳои таълимгоҳ ҳамроҳи муаллим бевосита иштирок карда, чанд сол директори литсейи техникии назди коллеҷи технологӣ буданд; аз шогирдони Донишкадаи политехникии Тоҷикистон сохтмончии номдор, собиқадори меҳнат ҳоҷӣ Ҳабибулло Саидаминов; аз шогирдони техникуми саноати хӯрокворӣ муовини директори филиал оид ба тарбия ва равобити хориҷӣ Кимиёхон Мусаямова; шогирдону ҳамкорон муовини декан оид ба таълим ҳоҷӣ Саҳобиддин Ғаффоров; раиси иттифоқи касабаи таълимгоҳамон Абдубашир Каримов аз хотираҳои неки худ нақлҳои ҷолиб карданд.

Аз номи пайвандону фарзандон бародари муаллим Абдусатторов З.С. устоди таълимгоҳ Абдулафиз Абдусатторов баромад ва ба ташкилкунандагону иштирокдорон ва баромадкардагон изҳори миннатдорӣ намуд.

Ҳаёту фаъолияти ибратангез ва таҷрибаи рӯзгори устоди шодравон ҳоҷӣ Зулфиқор Абдусатторов, ки аз худ номи нек, кори нек, боғи обод, маърифатгоҳи номбардор, шогирдони дуогӯй боқӣ мондаанд, барои наслҳои имрӯзу фардо дарси ибрату мактаби омӯзиш аст.

Исматҷон ПӮЛОДОВ.

Тадбирҳои маърифатӣ

Нест бод зӯроварӣ!

Бахшида ба “16 рӯзи алайҳи хушунат дар оила” таҳти унвони “Нест бод зӯроварӣ!” мизи мудаввар гузаронида шуд.

Дар раванди он муовини директор оид ба тарбия ва равобити хориҷӣ Мусаямова К.З. ба мизи мудаввар ҳусни ифтитоҳ бахшида, ҳамчунин аз соатҳои тарбиявии гурӯҳҳои академӣ, ки доир ба оила ва оиладорӣ, ҳурмату эҳтироми хушдоман ва шавҳар гузаронида шуда буд, ёдовар шуд.

Омӯзгорони кафедраи иқтисодиёт Г.Солиева дар мавзӯи “Зӯроварӣ дар оила ва оқибатҳои он” ва З.Мақсудова дар мавзӯи “Муаммоҳои зӯроварӣ дар Тоҷикистон”, омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ Ф.Мамадҷонова дар мавзӯи “Роҳҳои бартараф кардани хушунат дар оила”, мутахассиси шуъбаи тарбия ва тарғибот М.Абдуқаюмзода дар мавзӯи “Зиндагӣ бидуни хушунат зебост”, донишҷӯйи соли чоруми ихтисоси “Технология. Информатика” М.Иброҳимова дар мавзӯи “Муносибати оиладорӣ дар оилаҳои ҷавон”, донишҷӯйи соли чоруми ихтисоси “Тарҳрезӣ ва технологияи дӯзандагӣ” С.Саъдизода дар мавзӯи “Оилаи солим - ҷомеаи солим” баромад намуданд.

Аз тарафи донишҷӯён саҳначаи тарбиявӣ-музокиравии “Чӣ бояд кард?” ба саҳна гузошта шуд.

Дар мизи мудаввар мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара Раҳимзода Таборакхон ва мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Юлдошева Шаҳирахон иштирок ва баромад намуданд.

Дар мизи мудаввар хушдоманҳои якчанд донишҷӯён низ иштирок доштанд.

Вохӯрӣ бо табибон

Дар таълимгоҳамон чанде пеш бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бо СПИД/ВНМО бо кормандони соҳаи тиб вохӯрии хотирмон доир гардид.

Муовини директор оид ба корҳои тарбия ва равобити хориҷӣ Мусаямова К.З. чорабиниро оғоз ва дар бораи гарави саломатӣ будани тозагӣ ва ҳифз аз бемориҳои сироятӣ суханронӣ кард.

Мутахассиси маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО Зоидбоев С.С. дар мавзӯи “Роҳҳои пешгирии ВНМО”, мутахассиси маркази санитарию эпидимеологӣ оид ба раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим Солиев М. дар мавзӯи “Омилҳои пешгирии COVID -19”, духтури амрози занона Фозилбекова С.Р. дар мавзӯи “Роҳҳои сироятёбии ВНМО” баромад намуданд.

Сипас, меҳмонон ба саволҳои сершумори донишҷӯён ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

Дастгирии донишҷӯён – дар мадди аввал

Мувофиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯёни ятиму бепарастор ва донишҷӯёне, ки аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ таҳсил мекунанду дар хобгоҳ зиндагонӣ доранд, инчунин зимни амалисохти қарори Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пешгирӣ аз сироятёбии пандимеяи COVID-19, таъминоти донишҷӯён бо маводи антисептикӣ ва ниқобҳои муҳофизатӣ, безараргардонии ҷойи зисти онҳо ва қарори Ситоди умумиҷумҳуриявӣ оид ба зимистонгузаронии солҳои 2020-2021 доир ба таъминоти хобгоҳ бо гармӣ ва таҷҳизоти гармидиҳанда ба 100 нафар донишҷӯй кумаки моддии иҷтимоӣ расонида ва ҳуҷраҳои хобгоҳ бо гармкунакҳои бехавф таъмин карда шуданд.

Соатҳои тарбиявӣ

Дар гурӯҳҳои академӣ гузаронидани соатҳои тарбиявии намунавӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Соатҳои тарбиявӣ дар гурӯҳҳои ТНИ 19 дар мавзӯи “Сарфаю сариштакорӣ – омили пешрафти ҷомеа” (куратори гурӯҳ З.Мақсудова), ТД-17 ва ТД-18 дар мавзӯи “Ҳунарманд ҳар кучо бувад сарфароз” (куратори гурӯҳҳо З.Нарзуллоева), ТД-20 дар мавзӯи “Пандемияи коронавирус – вабои аср” (куратори гурӯҳ Ш.Усмонова) ва ИНФ-20 дар мавзӯи “Одоби суханварӣ” (куратори гурӯҳ Р.Шерматова) судманду ҷолиб ва муфиду хотирмон доир гардиданд, ки дар раванди онҳо маҳорати тарбиятгарии устодон ва фаъолияти баланди донишҷӯён баръало ҳис карда мешуданд.

Дар фарҷом соатҳои тарбиявӣ аз ҷониби иштирокдорон мавриди таҳлил қарор мегирифтанд.

Таҳмина НАБИЕВА.

Истифодаи боқимондаҳои саноатӣ

Пажӯҳиши устодони мо

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд. Расидан ба ин ҳадаф рушду нумӯи иқтисодӣ ва зиндагии осудаю шоистаи аҳолии кишварро таъмин хоҳад кард. Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги ҳадафи мазкур дар мамлакат аз ҷониби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ даҳҳо коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд.

Пеш аз ҳама, саноатикунонии кишвар мутахассисони донишманду соҳибкасби муҳандисию техникиро талаб мекунад. Барои ин бояд пойгоҳи моддию техникии донишгоҳҳои омодакунандаи кадрҳои техникӣ мустаҳкам карда ва кадрҳои ҳақиқатан ҷавобгӯйи талаботи саноатикунонӣ омода карда шаванд.

Ташкили таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии кадрҳои тайёри дар корхонаҳои саноатӣ фаъолияткунанда дар корхонаву муассисаҳои саноатӣ баҳри дар оянда ба роҳ мондани таҷрибаҳои бой ва пешқадам дар саноати кишвар раванди кунунии саноати кишварро тақвият мебахшад. Инчунин қайд намудан бамаврид аст, ки соҳаҳои гуногуни саноатӣ дар раванди расидан ба ҳадафи саноатикунонии кишвар саҳмгузор бояд бошанд. Ҳар соҳа мувофиқи неруи ақлонӣ, ҷисмонӣ ва имкониятҳои молиявию истеҳсолии худ дар ин роҳ қадами устувор гузорад: соҳаи сохтмон бо сохтани инфрасохтори ҷойгиршавандаи корхонаҳои саноатӣ, соҳаи роҳу нақлиёт бо таъмини корхонаҳои саноатӣ бо маводи зарурӣ – ашёи хому тайёр ва нимтайёр ва монанди инҳо мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар даврони муосир - ин баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаву ташкилотҳои ватанӣ дар асоси дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин мебошад. Навовариҳо бояд аломат ва ё нишонаи нави фарққунанда дошта, ба талаботи истеъмолгарон ҷавобгӯ бошанд ва ба корхонаҳо барои ба даст овардани фоида мусоидат намоянд.

Бино бар он, бо супоришу дастурҳои Пешвои муаззами миллат барои саноатикунонии кишвар, ки ҳамчун ҳадафи чорум дар Паём баён шуда буд, технологияи коркарди дубораи боқимондаҳои саноатӣ дар корхонаи семент ва оҳакбарорӣ мавқеи муҳим дорад. Боқимондаҳои саноатӣ - ин хокаи оҳаки ношукуфта мебошад, ки дар раванди технологияи пухтани оҳак ба миқдори зиёд дар корхона ҷамъ мешавад.

Барои ин дар озмоишгоҳ чунин корҳо ба анҷом расонида шуданд:

1) Муайян кардани сифати ашёи хом ва мутобиқ будани он барои истеҳсоли ин ва ё он маҳсулот.

2) Интихоб ва тартиб додани омехтаи ашё.

3) Назорат ва ҷобаҷогузории таркиби маҳсулоти нимтайёр.

4) Таҳлил ва муайян кардани сифати маҳсулоти тайёр.

Баъд аз ҳисоби таҳлилҳо ва тартиб додани омехтаи ашё аз рӯйи тавсия истеҳсоли он бо технологияи нав дар сех ба роҳ монда шуд.

Бе иҷрои назорати даврагии кимиёӣ тартиби меъёрии равандҳои технологии истеҳсолот ва сифати баланди истеҳсоли маҳсулотро ба даст овардан мумкин нест. Назорати технологӣ-кимиёии маҳсулотро дар раванди технологияи истеҳсоли семент аз кабулкунӣ то пухтани маҳсулоти тайёр бо реҷаҳои муайян таҳлил карда мешавад.

Сифати маҳсулоти нимтайёр (клинкер) ва маҳсулоти тайёр (портландсемент)-ро муайян карда шуд, ки ба талаботи СД чавобгӯ мебошад. Маҳсулоти тайёр (портландсемент) бо истифодаи боқимондаҳои саноатӣ дар корхонаи сементбарории шаҳри Исфара бо сифати баланд истеҳсол шуда истодааст.

Дар истеҳсолоти саноатии маводи сохтмон, озмоишгоҳ дар як вақт таҳлили миқдорӣ ва сифатиро зуд ва ба дурустӣ таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, муайян кардани таркиби кимиёии ашёи хом шарти интихоби дурусти ашё ва дигар кардани тавсияи ашёи омехта барои тайёр намудани ин ё он мавод мебошад. Ҳамин тавр, озмоишгоҳҳои таҳлилӣ раванди истеҳсоли маводи сохтмон ва дигар маҳсулоти саноатӣ барои босифат баровардани маҳсулот нақши калон мебозанд.

Дар ниҳоят, чӣ тавре ки дар баромадҳояшон Пешвои муаззами миллат доимо қайд мекунанд, бо дилу нияти ояндабинонаи нек, нангу ори миллии ба тоҷикон хос ва неруи созанда бояд мо баҳри амалисозии ин ҳадаф кӯшиш намоем. Зеро ҳеҷ бегона хонаи моро обод ва моро хурсанд карда наметавонад. Ҳар як мамлакат барои пешрафти худ ва манфиатҳои миллии худ сиёсаташро пеш мебарад. Моро танҳо зарур аст, ки дар атрофи роҳбари хududodамон муттаҳид шавем ва Тоҷикистони саноатиро бисозем.

Муҳайё МУЛЛОЕВА.

Ҷомеаи меҳнатии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара ба мудири кафедраи иқтисодиёт, н.и.и. Иномҷон Ҳомидов бино бар даргузашти **ХОҲАРАШ** ғамшарикии хешро изҳор менамояд.

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад
НАВИДИ ДОНИШГОҲ
Моҳномаи филиали ДТТ дар шаҳри Исфара № 1 (1) марти соли 2013

Ҳайати эҷодӣ:
И. Пӯлодов,
С. Мамадҷонов,
Ф. Мамадҷонова.

Мушовирон:
М. Ҷавҳарова,
З. Солиев,
М. Яҳёев.

Минбари озоди устодон ва донишҷӯён
Суроғаи:
ш. Исфара, кӯчаи Абдурасул Ҷӯраев, 52

Теъдоди нашр 50 нусха.
Дар ҶСК “Набӣ Фахрӣ”-и шаҳри Конибодом чоп шудааст.
Супориши _____

Телефонҳо:
2-33-51, 2-23-95.
92 729 03 33
E-mail:
x-marifat@mail.ru